Ба Шӯрои дисертатсионии 6D.KOA-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст.**

Яке аз соҳаҳои калидии бахши воқеии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноат мебошад, ки рушди имрӯзуояндаи он ба низоми муносибатҳои созгори меҳнатӣ, пеш аз ҳама ҳавасмандгардонии моддии меҳнат вобаста мебошад. Ҳавасмандгардонии моддӣ кормандро воддор менамояд, ки нерӯи ақлонию ҷимонии худро ҷиҳати баланд бардоштани самараи меҳнат масраф намояд, чунки ҳавасмандгардонӣ усули идоракунии рафтори меҳнатӣ ва амали мақсадноки ба шароити ҳаётии корманд таъсиррасон мебошад. Ҳавасмандгардонии моддӣ – ин маҷмӯи роҳу усулҳои ҳавасмандгардонии талаботи моддии кормандон мебошад, ки бо назардошти муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи меҳнат, шароити молиявии корфармо ва муносибати байни корманд ва корфармо дар амал татбиқ карда мешавад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пайдарпайии мантиқии вазифагузорӣ, нолгардӣ ба вазифаҳои гузошташуда, яъне ба даст овардани навгониҳо ва ҷамъбасту хулосабарориҳо дида мешавад. Муаллиф тавонистааст, асосҳои назариявӣ-методии ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар асоси маводи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад ва нисбати онҳо мавқеи илмии худро нишон диҳад.

Оид ба таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатӣ дар автореферати диссертатсия маълумоти кофӣ таҳқиқ шуда, саҳми муаллиф дар муайян ва ошкоркунии имкониятҳои роҳандозии он дар минтақаи Хатлон шоёни таҳсин аст.

Маводи кофии амалӣ, аз ҷумла натиҷаҳои пурсиши захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар таҳқиқот истифода шудаанд, ки барои баланд бардоштани эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳо илмию амалии диссертатсия мусоидат менамоянд.

Аз натиҷаи омӯзиши маводи илмӣ-амалӣ расмҳо дар намуди алгоритмаҳо (расми 4, саҳ.20; расми 5, саҳ.21) сохта шудааст, ки усулҳои босамар ва механизми комили ҳавасмандгардонии моддиро дар бар мегиранд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқоти анҷомдодашуда, ки баъзе аз онҳоро қайд намудем, дар афтореферати диссертатсия камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Мавзуи интихобшуда хеле васеъ мебошад, бинобар ин ба муаллиф зарур аст, ки дар оянда доираи объекти таҳқиқотро васеъ намояд.

2. Расми 3, ки амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ унвон гирифтааст, мантиқан хуб мебошад, аммо барои таҳқиқот хуб мебуд, агар он дар автореферат васеътар шарҳ дода мешуд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонанд.

Дар маҷмӯъ мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда ва ноилгардӣ ба натиҷаҳои баландарзиш нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бар меояд, ки диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботҳои муқаррарнамудаи бандҳои п. 31, 32 ва 33 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мебошад.

**Муқарриз,**
**Мудири кафедраи кафердаи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

Имзои д.и.и., профессор Низомов С.Ф.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроғаи донишгоҳ: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: +992 -37- 227 -15-10,
E-mail: info@tnu.tj, samaridin@mail.ru
«12» 09 2023